“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент ________Абдуалимзода Ҳ.А.
«_30_» ___________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз), ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз): б.10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он, б.10.11. Арзёбии пойгоҳи сармоявии бонк: арзёбии муқоисавии таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, роҳҳои инкишоф, б.10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, б.10.19. Методология ва механизмҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ, б.10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ мувофиқат намуда фарогирии масъалаҳои дар диссертатсия баррасишударо ба пуррагӣ инъикос менамояд.

## Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Дар шароити мурракаб будани вазъияти имрӯзаи ҷаҳонӣ ва тағйирёбанда будани тамоюлҳои молиявӣ, ки бешубҳа ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар институтҳои молиявӣ ҳамқадам мебошанд ва онҳо устуворӣ ва босуботии ин институтҳои молиявиро тақозо менамоянд, мубрамии мавзӯи таҳқиқшавандаро айни замон ташкил медиҳад. Ҳамзамон қисмати дигари мавзӯи таҳқиқшавандаро вазъи мураккаби низоми бонкӣ дар зери таъсири таконҳои ҷиддии иқтисодию

сиёсӣ ташкил медиҳад, ки онро муаллиф ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки дарҶумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолии кишвар низоми бонкӣ дар баробари дигар низомҳои фаъоли иқтисодӣ низоме мебошад, ки новобаста аз мушкилотҳои ҷойдошта вазифаҳои худро сарбаландона ва муввафақона иҷро намуд, Агар чанде, ки вазъи як қатор бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ бад гардида вазъияти мураккабро ба вуҷуд оварданд, лекин низоми бонкӣ маҷмӯан тавонист ин мушкилотҳоро пушти сар намуда, ҷараёни пайваста ҳаракатҳои пулиро дар иқтисодиёт таъмин ва талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва мизоҷонро бо амалиёт ва хизматрасониҳо қонеъ гардонад. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ки таъсири он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз қатъ нашудааст, фаъолияти муътадили низоми бонкиро халалдор карда, ба бонкҳои тиҷоратӣ зарари калон расонид. Дар паёмади буҳрони молиявӣ якчанд бонкҳои тиҷоратӣ муфлис шуда, ба бонкҳои дигар хатари халалдор шудани устуворӣ таҳдид мекунад. Бинобар ин, имрӯз барои низоми бонкии мамлакат масъалаи нигоҳдорӣ ва таҳкими устувории низоми бонкӣ дар маҷмуъ ва фаъолияти унсури асосии он – бонкҳои тиҷоратӣ муҳим аст.

Ба хотири таҳкими устувории молиявӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ муҳим аст, ки бо истифода аз имконият ва воситаҳои менеҷменти бонкии муосир сифати сармояи худро назорат кунанд, сифати дороиҳои худро бо роҳи таъмини мувофиқати сохтори онҳо нигоҳ доранд, мизоҷони аз ҷиҳати молиявӣ устуворро барои хизматрасонӣ ҷалб кунанд, ҷараёнҳои пулии худро дуруст ба нақша гиранд, таносуби захираҳои ҷалбшуда ва ҷойгиркардашударо дар доираи меъёрҳои мақбуле, ки ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва ниҳодҳои танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ тавсия кардаанд, нигоҳ доранд.  Қайд кардан ба маврид аст, ки барои мушаххассозии ҷанбаҳои назариявии рисолаи илмӣ муаллиф ба асарҳои илмии олимони дохилию хориҷӣ такя намуда, як қатор мушаххасотро мариди таҳлил қарор дода, дар ин самт мавқеи худро муаян намудааст ва дар ин марҳала муаллиф ба ҷараёнҳо ва меъёрҳои устувории низоми бонкӣ аҳамияти ҷидӣ дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. (саҳ. 14-28)

Қайд кардан зарур аст, ки муаллиф барои расидан ба ҳадафҳои гузоштаи худ дар боби 2-юм ва 3-юм ба масъалаҳои таҳлили фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ва самтҳои рушди таъмини устувории молиявии низоми бонкиро мавриди таҳлил

қарор дода, ба як қатор натиҷаҳои назаррас дар ин самт ноил гардидааст. (саҳ. 62-94, 116-149).

Илова бар ин муаллиф дуруст қайд намудааст, ки буҳрони молиявии ҷаҳонӣ осебпазирии саросарии низомҳои молиявии мамлакатҳои мухталифро дар шароити таназзули минбаъдаи иқтисодӣ ошкор кард ва ин масъала ,боиси он гардид, ки тамоюли фаъолияти бонкӣ дигаргун ва технологияҳои инноватсионӣ мавқеи махсусро ишғол намудаанд. Иброз доштан зарур аст, ки бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ боиси он гардид, ки бонкҳо барои усувории фаъолияти худ аз дигар роҳу воситаҳои муосири ба талаботи ҷомеа мувофиқ истифода намоянд, ки дар диссертатсия пурра ин масъала ва ҷараёнҳо роҳи ҳалли худро пайдо намудаанд. (саҳ. 62).

Таҳқиқоти диссертатсионии довталаб дар шароити имрӯза муҳити васеъи иҷтимоию иқтисодии кишварро дар шароити муосир ифода намуда, ба як қатор барномаву стратегияҳои дахлдорӣ соҳавӣ ҳамбастагии зиёд дошта, онро муаллиф дар муқаддимаи рисолаи илмӣ ба таври мухтасар якҷоя намудааст. Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои асосии таҳқиқотҳои бунёдию амалӣ, аз ҷумла самтҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022-2026 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, № 314) ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441) алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст, мутобиқат менамояд. (саҳ. 6).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар таҳқиқ ва баррасии диссертатсия муваффақиятҳои илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)-ро ҳамчун натиҷа, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар бар мегиранд, ки натиҷаҳои ниҳоии онҳоро муаллиф ба таври фишурда дар муқаддимаи рисолаи илмӣ ба таври мукаммал инъикос намудааст. (саҳ. 15-116). Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда дар самти

таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз навгонии илмӣ иборатанд, инҳо мебошанд:

1. Муаллифи рисолаи илмӣ дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявии устувории бонкҳо ва таъмини он мафҳуми «устувории бонкҳои тиҷоратӣ»-ро дар шароит ва талаботҳои имрӯза мушаххас намуда, дар доираи ин як қатор алоқамандиҳоро бо мафҳуми суботи молиявӣ ва дигар мафҳумҳои ба он наздикро таҳлил ва баррасӣ намуда, мавқеи худро мушаххас намудааст. Ҳамзамон дуруст қайд намудааст, ки зарурати баррасӣ намудани устувории молиявӣ ҳам аз нуқтаи назари бонк ва ҳам аз нуқтаи назари мизоҷон мувофиқи мақсад мебошад.

2. Вобаста ба муваффақиятҳои илмӣ дар навгонии дуюми худ муаллиф омилҳои берунӣ ва дохилии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратиро дар шароити имрӯза мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ҳамзамон нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро мавриди арзёбӣ қарор дода, ба як қатор натиҷаҳои нааррас ноил гардидааст ва дар ҳамин замина муваффақиятҳои муаллифи рисола натиҷаҳои кори онро ташкил медиҳанд.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муаммоҳои дигаре, ки дар сатҳи низоми бонкӣ эҳсос мегардид, албатта ин раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии мамлакат, нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил карда шуда, дар ин асос хавфҳои низоми бонкӣ ва мушкилоти мавҷудаи таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро ташкил медод, ки дар таҳқиқоти илмии худ ин масъаларо мавриди таҳқиқи амиқ қарор додааст, ки қобили датгирӣ буда, онро муваффақиятҳои унвонҷӯ ҳисобидан мумкин аст.

4. Дар навгонии чорум методикаҳои мавҷудаи таҳлили вазъ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ ва гурӯҳбандӣ карда шуда, имконияти истифодаи методикаҳои муносиб барои таҳқиқи пойгоҳи захиравӣ ва таҳлили кифоятии захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муайян ва самаранокии онҳо тасдиқ карда шудааст ва иловатан аз тарафи муаллиф қайд гардидааст, ки таҳлили саҳеҳ ва босифати устувории молиявии бонк истифодаи на як, балки якчанд усул тавсия дода мешавад, масалан, ҳамҷоягии усулҳои коэффитсиентӣ ва рейтингӣ коркард шудааст, ки дар шароити имрӯза ин ҳолатҳо дуруст ва қобили дастгирӣ мебошанд.

5. Дар шароити имрӯзаи низоми бонкӣ самтҳои рушди таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир муайян гардида, барои таҳким ва такмили амсилаи танзим ва назорати низоми

бонкӣ ба хотири таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масъалаҳои муҳиме мебошанд, ки аз тарафи муаллифи рисола мавриди таҳқиқ қарор гирифта, он дар ин самт низ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Иловатан дуруст қайд гардидааст, ки гардиши молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, ҷалб намудани ҳиссаи бештари пасандозҳо аз ин ҳисоб зиёд кардани сармояи бонкҳо ва тақсимкунии минбаъдаи захираҳои молиявии онҳо барои рушди иқтисодии мамлакат, масъалаҳои дигари меҳварии рисолаи илмии доктори фалсафа (PhD) мебошад.

6. Як нуқтаи муҳим он мебошад, ки дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои муҳими тавсифкунандаи устувории молиявӣ – пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ, инчунин идоракунии муносиби онҳо самтҳои таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратии мушаххас - ҶСК «Бонки Эсхата» муайян карда шудааст, ки инро ҳамчун намунаи беҳтарини низоми бонкӣ ҳисобидан мумкин аст.

7. Дар ниҳояти таҳқиқоти илмӣ муаллифи рисола ҳамчун натиҷа ва навгонии ниҳоӣ ба вазъ ва пӯёи пасандозҳои бонкҳои тиҷоратӣ чун манбаи муҳими бартараф кардани норасоии захираҳои молиявии низоми бонкӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, дар натиҷа барои ҷалби бештари захираҳои молиявӣ, корбурди дурусти унсурҳои сиёсати маркетингӣ ва як қатор масъалаҳои дигари ба ин вобаста, аҳамияти аввалиндараҷа додааст. Иловатан вобаста ба ин пешниҳодҳо оид ба корбурди воситаҳои муосири маркетинги бонкӣ барои ҷалби бештари захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии муносиби онҳо як қатор таҳлилу пешниҳодҳои ҳадафманд овардааст, ки ин қобилӣ дастгирӣ мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар баробари қисматҳои актуалии мавзӯъ, вазифаҳои таҳқиқот ва нагониҳои илмии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардшуда, мавкеи илмии унвонҷӯро дар сатҳи таҳқиқот нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи он дар бар мегирад, ки он исботи натиҷаҳои амалии кори илмии доктори фалсафа (PhD) Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло мебошад ва он баҳои воқеии кори ӯро дар бар мегирад ва аз нуқтаҳои зерини таркибӣ иборатанд: (саҳ 10 - 11).

1. Тасдиқи масъалаи устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва таъмини он ҳамчун мушкилоти муҳими назариявию амалии низоми бонкӣ, аниқ кардани мафҳуми устувории бонк, муайян кардани муносибати он бо мафҳумҳои субот, эътимоднокӣ ва устувории молиявӣ, устувории низоми бонкӣ, муфассалкунии муҳтавои иқтисодии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ вобаста ба вазъи имрӯзаи низоми бонкӣ дар мамлакат.

2. Муайян кардани омилҳои берунӣ ва дохилии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар марҳилаи кунунии вазъи низоми бонкии

мамлакат, таснифи ин омилҳо, арзёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи устувории молиявии бонк, ифшои хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ.

3. Таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии миллӣ, арзёбии нишондиҳандаҳои асосии молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, муайян ва арзёбӣ кардани хавфҳо дар низоми бонкӣ, нишон додани роҳҳои ҳалли мушкилоти таъмини устувории молиявии бонкхои тиҷоратӣ дар мавриди норасоии захираҳои молияви онҳо.

4. Таҳқиқ ва гурӯҳбандии методикаҳои дар амалия истифодашавандаи таҳлили вазъ ва устувории молиявии бонкҳо, дар ин асос муайян кардани имконияти истифодаи методикаҳои муносиб барои таҳқиқи пойгоҳи захиравӣ ва таҳлили кифоятии захираҳои молиявии бонк ва тасдиқи самаранокии корбурди онҳо дар низоми бонкӣ.

5. Муайян кардани самтҳои рушди таъмини устувории молиявии бонкҳо, таҳияи тадбирҳои амалӣ барои таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ, такмили амсилаи танзим ва назорати низоми бонкӣ ба хотири таъмини устувории молиявии бонкҳо.

6. Муайян кардани самтҳои таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратии мушаххас - ҶСК «Бонки Эсхата» дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои баҳодиҳандаи устувории молиявӣ - даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ, рушди идоракунии онҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявии бонк.

7. Тасдиқ кардани муҳимии корбурди дурусти сиёсати маркетингӣ дар ҷалби пасандозҳои бонкӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба корбурди воситаҳои муосири маркетинги бонкӣ барои ҷалби бештари захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии муносиби онҳо.

Натиҷаҳои мушаххаси доктори фалсафа (PhD) Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло боиси он мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амалӣ ва таҳлилҳои соҳавӣ асоснок гардида, муаллиф як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки онҳо моҳияти амалӣ ва назариявии самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ҳамчун натиҷа ифода менамояд. Ҳамчуни таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳа асоснок гардианд, ки ифодаи онро дар матни рисола мушоҳида намудан мумкин аст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмӣ - назариявии таҳқиқот** дар таҳкими равишҳои илмӣ ба дарки масъалаи таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва умуман низоми бонкӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ифода меёбад. Омӯзиш ва банизомдарории нуктаҳои назари гуногун имкон дод, ки мафҳуми устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аниқ карда шуда, хусусиятҳои он дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян карда шаванд. Муқаррар карда шуд, ки таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бештар аз методикаҳои таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, пардохтпазирӣ ва даромаднокии бонки тиҷоратӣ вобаста аст.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** аз он иборат мебошад, ки таҳқиқотҳо ва пешниҳоду тавсияҳои аз тараффи муаллиф бадастоварда аз он иборат мебошад, ки масъалаҳои мубрами низоми бонкиро дар бар гирифта, онҳо ба муваффақиятҳои бонк дар сатҳи зарурӣ ва барои рушду суботи низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҳаматарафа мерасонанд. Ҳамзамон бо ин иброз доштан зарур аст, ки пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда, метавонанд барои солимгардонӣ ва устувории низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

**Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо аз тарафи муаллифи рисола дар масъалаи беҳтарсозии фазои низоми бонкӣ ва баромадан аз вазъи ногувори иқтисодию иҷтимоии кишвар мебошад. Албатта усувориии низоми бонкӣ аҳамияти баланди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта, он яке аз муҳаррикҳои асосии пешрафт маҳсуб меёбад. Устувории низоми бонкӣ омили пешрафти иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад, ки онро муаллиф дар диссертатсияи илмии худ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамзамон бо ин иброз доштан зарур аст, ки татбиқи воқеии натиҷаҳои бадастовардаи рисола ва дар ҳамин замина дар амал татбиқ намудани он аҳамият ва манфиати умумииқтисодӣ доранд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Дар шароити имӯзаи хоҷагидорӣ бонкҳои тиҷоратӣ ягона муассисаҳои молиявие мебошанд, ки ба табақаҳои гуногуни ҷомеа, аз он ҷумла аҳолии кишвар ҳамкории зич дошта, дар беҳтарсозии сифати зиндагии онҳо ва дар маҷмӯъ рушди иқтисодиёти миллӣ мавқи ҳаматарафа доранд. Аз ҳамин лиҳоз таъмини уствурии низоми бонкӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосие

мебошад, ки бевосита ба манфиати ҷомеа ва иқтисодиёт нигаронида шудааст. Иловатан гуфтан мумкин аст, ки ҳарчи бештар устувории бонкҳо дар сатҳи кишвар таъмин гардад, то ҳамон андоза ҳамбастагии он бо муҳити иҷтимоии давлат зиёд гашта, дастгирии он ба ин табақаи ҷомеа бештар мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ба асосҳои илмии таҳқиқи устувории бонкҳои тиҷоратӣ, омилҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии он, хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дар асоси идоракунии пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ, истифодаи воситаҳои маркетинг барои ҷалби захираҳои озоди молиявӣ, таъмини мизоҷон бо қарзҳо ва сармоягузориҳои бонкӣ дар кишвар таҳия намудааст, ки моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ ҳамчун натиҷа ва коркардҳои каблии уновонҷӯ пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии рисола Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба низоми нави рақамикунонии иқтисодиёт» (Данғара, 2024), «Масъалаҳои мубрами иқтисодиёт» (Пенза, 2023), «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» (Кӯлоб, 2023) ва дигарҳо муҳокима шуда, баҳои мусбат гирифтаанд. Муқаррароти диссертатсия дар раванди таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо самти ихтисоси «Фаъолияти бонкӣ» истифода мешаванд. Натиҷаҳои алоҳидаи диссертатсия дар фаъолияти филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар шаҳри

Кӯлоб ва филиали минтақавии ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» дар шаҳри Кӯлоб муаррифӣ ва мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Муқаррароти методӣ ва амалии дар рафти омӯзиш таҳияшуда ва натиҷаҳои алоҳидаи диссертатсия дар фаъолияти филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар шаҳри Кӯлоб ва филиали минтақавии ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» дар шаҳри Кӯлоб тасдиқи худро ёфтаанд.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки баҳои воқеӣ ва қаблии таҳқиқоти диссертасияи доктори фалсафа (PhD) интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия ташкил медиҳад, ки натиҷаҳои асосии он дар 10 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. (саҳ. 14).

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талабот ҷаввобгӯ буда, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт бо 162 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 191 саҳифа дарҷ гардида, 16 расм, 26 ҷадвал ва 26 формуларо дар бар мегирад, ки тибқи талабот мебошад. (саҳ. 14).

Доктори фалсафа (PhD) Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки тафсири конкретии онро дар шакли зайл мушоҳида кардан осон мебошад.

Доктори фалсафа (PhD) дар боби аввали диссертасия, ки – “**Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ**” асосҳои илмии таҳқиқи устувории бонкҳои тиҷоратӣ, омилҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии он, хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявиро мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор дода, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин боб ва параграфҳои алоҳидаи он муаллифи рисолаи илмӣ ҷанбаҳои назариявии устувории низоми бонкиро ба таври назариявӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Дар ин масъала муаллифи рисолаи илмӣ ба баррасии мафҳумҳои босуботӣ, устуворӣ ва эътимоднокӣ такя намудааст, ки мушаххасоти баррасии масъалаи мазкурро дар сатҳи таҳқиқи мавзуи илмӣ мушаххас менамояд. (саҳ 18). Илова бар ин гуфтан зарур аст, ки намунаи устувории низоми бонкӣ ва равиши субъективии устувврии низоми бонкиро пешниҳод намудааст, ки меъёрҳои дар ин ҷадвал овардашуда, воқеа дар сурати татбиқшавӣ ва назорати ҷиддӣ ба устувории бонкҳо таъсири

мусбат мерасонанд. (саҳ. 20-25). Дар дигар маврид муваффақиятҳои назариявии унвонҷӯ дар он асос меёбанд, ки барои мушаххасоти масъалаҳои марбут ба устувории низоми бонкӣ нуқтаи назари олимони ватаниро ба таври моҳирона истифода намудааст, ки ин қобили дастгирӣ мебошад. (саҳ 30-35). Илова бар ин талаботҳои Кумитаи Базелиро, ки он бевосита ба баҳоидиҳи меъёрҳои устувории низоми бонкӣ нигаронида шудааст, дар ин масъала ба он аҳамият дода шудааст.(саҳ. 38).

Дар боби дуюм бошад унвонҷӯ **“Таҳлили устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ”** таҳлили раванди барқароршавии баъдибухронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Дар боби мазкур муваффақиятҳои илмии муаллифи диссертатсияро нишондиҳандаҳои илман ва амалан асоноки нишондиҳандаҳои молиявию қарзии низоми бонкӣ ташкил медиҳад, ки дар он натиҷа ва дастовардҳоро комилан мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар боби мазкур муаллифи рисола як қатор нишондиҳандаҳоро ба монанди таснифи пасандозҳои бонкҳои тиҷоратӣ, бақияи пасандозҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ, пуёи амонатҳои мухлатнок дар сохтори пасандозҳои бонкӣ, ҳиссаи қарзҳои байнибонкиро таҳлил ва баррасӣ намудааст, ки дар ин самт доктори фалсафа (PhD) Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. (саҳ 52-61). Ғайр аз ин қарзҳои додашудаи бонкӣ, сохтори ташкилотҳои қарзӣ, дороиҳои бонкӣ ва як қатор нишондиҳандаҳои дигарро таҳлил намудааст, ки муаллиф дар сатҳи зарурӣ устувории низоми бонкиро баҳогузорӣ намудааст, ки дастовардҳои муаллифи рисолаи илмӣ мебошад. Дар баробари ҳамаи ин мушкилотҳои низоми бонкиро низ вобаста ба тамоюлҳои тағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳлилу баррасӣ намудааст. (саҳ 79-93). Ҳамзамон бо ин як қатор нишондиҳандаҳои ҶСК “Бонки Эсхата”-ро таҳлил намуда, сатҳи устувории онро дар маҷмӯи низоми бонкӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин самт низ муваффақ гардидааст. (саҳ 108-115).

Ҳамчунин илова ва натиҷагирии рушди минбаъдаи соҳаҳо дар боби сеюм – “**Самтҳои рушди таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ”** такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дар асоси идоракунии пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ, истифодаи воситаҳои маркетинг барои ҷалби захираҳои озоди молиявӣ,

дар ин боб муаллиф дар доираи таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ барои мушаххасоти ин масъала пуёи сармояи худдии бонкҳои тиҷоратӣ, сохтори ташаккули манбаҳои сармояи худдӣ, маҳакҳои арзёбии дороиҳои низоми бонкиро баррасӣ намуда, ба натиҷаҳо низ дар самт ноил гардидааст. (саҳ 125-135). Иловатан ба масъалаҳои дороиҳои низоми бонкиро вобаста ба мушаххасозии дороиҳои низоми бонкӣ таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаву пешниҳодҳои ҳадафманд овардааст. Ҳамзамон ба яке аз масъалаҳои муҳим, ки барои бонку мизоҷон ниҳоят зарур мебошанд, яъне таъмини мизоҷон бо қарзҳо ва сармоягузориҳои бонкӣ буда ва дар ин боб мавқеи доктори фалсафа (PhD) бо ҳадафҳои амалию методологии мушаххасан ҳамчун натиҷаи рушд пешниҳод шудаанд. (саҳ. 116-162).

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳоли тақризшавандаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар як қатор маҷаллаҳои илмии тақризшванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқиии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқарраротн натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумал 5 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан ҳаҷми корҳои илмии чопгардида вобаста ба мавзӯи диссертатсия 4,6 ҷ.ч-ро ташкил медиҳад, ки тибқи талаботҳои мавҷуда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқарраротн низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқадима, мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022-2026 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, № 314) ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441) алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст. Дар умум диссертатсия дорои апарати баланди илмӣ

буда, ҳамаи масъалаҳои дар муқаддимаи рисола инъикосгардида пурра дар матни он аз тарафи доктори фалсафа (PhD) Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло инъикос гардидаанд, ки муваффақиятҳои он маҳсуб меёбанд.

Дар хулоса натиҷаҳои муваффақиятомезӣ доктори фалсафа (PhD) Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло, ки он аз ду қисмати асосӣ иборат мебошад, ба таври комил, дар анҷоми диссертатсия дидан мумкин аст. (саҳ. 163-170).

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ**

Дар айни замон новобаста аз муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии доктори фалсафа (PhD) Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди таҳқиқотро коста наменамоянд. Ҳамзамон бо инислоҳи норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии диссертатсияро беҳтар менамуданд:

**1.** Муаллиф дар боби 1-ум, параграфи 1.2. омилҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии онро мавриди таҳлил қарор додааст. Беҳтар мегардид, агар доктори фалсафа (PhD) ба таври конкретӣ омилҳои воқеан санҷидашудаи усуворин бонкҳоро ба таври алоҳида ва мушаххас пешниҳод менамуд. (саҳ. 28).

2. Дар параграфҳои 1,2,3-юми боби якум доктори фалсафа (PhD) вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот беҳтар мегардид, агар хулосаҳои дахлдор ба таври мушаххас вобаста ба рақамгузорӣ бароварда тавасути он мавқеи худро дар ин самт муаян менамуд;

3. Сатҳи сифати таҳқиқот беҳтар мегардид, агар муаллиф дар масъалаи ҳиссаи бонкҳоро ба таври алоҳида дар маҷмӯи умумии нишондиҳандаҳо мушаххас менамуд;

4. Баъзе факту рақамҳо баҳсбарангез буда, шарҳу тавзеҳи иловагиро аз тарафи муаллифи диссертатсия тақозо менамоянд.

5. Диссертатсия бурд мекард, агар вобаста ба тағйирёбандагии вазъи иқтисодиёти мамлакат ба таври дурнамо рушди низоми бонкӣ дар 3-4 соли охир аз ҷониби муаллифи рисола муайян мегардид;

6. Дар матни диссертатсия аҳёнан камбудиҳои имлоӣ ва сталистикӣ ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунад.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.**

Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфт мумкин аст, ки диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» барои дарёфти илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Иловатан гуфтан зарур аст, ки диссертатсияи таҳқиқгардидаи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) омода гашта, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ шудааст (Протоколи №6/1 аз 27.01.2025)

Дар ҷаласаи кафедра 12 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор 12 нафар, зид нест, бетараф нест.

**Раис, мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Муслихова Т.Т.**

**Эксперт, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Махшулов С.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа: Номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон** **Аҳадов И.Қ.**

**Имзоҳои Муслихова Т.Т., Махшулов С.Ҷ., Аҳадов И.Қ-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.**

**“ 28 ” 01 2025**

Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел/факс: (992) 231-08-43. (992) 227-30-75
E-mail: info@ddmit.tj